# Огоҳиномаи умумӣ дар бораи харид (ОУХ)

**Мамлакат:** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Лоиҳа:** Лоиҳаи роҳи автомобилгарди “Обигарм – Нуробод” - пули дароз ва роҳҳои ба он васлшаванда

**Рақами лоиҳа:** P000309

**Агентии/ташкилоти татбиққунанда:** Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо.

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки хароҷоти лоиҳаи роҳи автомобилгарди “Обигарм-Нуробод”, қитъаи сеюм – Пули дароз ва роҳҳои ба он васлшавандаро тавассути Бонки Осиёии Сармоягузории Инфрасохторӣ (БОСИ ё Бонк) ба маблағи 75,500,000 доллари ИМА пардохт кунад ва ният дорад, ки як қисми маблағи онро барои хариди масолеҳ, корҳо, хизматрасонии ғайримашваратӣ ва машваратӣ, ки дар доираи лоиҳаи мазкур амалӣ карда мешавад истифода барад. Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонк маблағгузорӣ карда мешавад.

2. Лоиҳа аз ҷузъиётҳои зерин иборат аст:
   - **Ҷузъиёти 1: Сохтмони пули дароз ва роҳҳои ба он васлшаванда.** Ин ҷузъиёти асосии лоиҳа буда, ба зерқисматҳо ҷудо мегардад:
     - **Зерқисмати 1а:** Лоиҳакашӣ, Сохтмон ва Нигоҳдории иншоот тибқи шартҳои шартномаи Сохтмон ва Лоиҳакашии ФИДИК (Китоби зард 2017, нашри 2юм);
     - **Зерқисмати 1б:** Мушовир оид ба назорати сохтмон. Ин зерқисмат нақши Муҳандисро мувофиқи талаботи ФИДИК ба роҳ монда, шартномаи корҳои сохтмониро назорат ва идора мекунад ва инчунин аз болои Пудратчӣ оид ба риояи талаботи экологӣ, иҷтимоӣ, саломатӣ ва бехатарӣ назорат мебарад.
   - **Ҷузъиёти 2: Тақвияти иқтидор ҷиҳати татбиқи лоиҳа.** Ин ҷузъиёт барои баланд бардоштани иқтидори МТЛТР тавассути таъмини он бо захираҳои зарурии фардӣ, ки барои татбиқи саривақтӣ ва бо сифати ин лоиҳаи муҳим нигаронида шудааст, ба роҳ монда мешавад. Дар доираи ин ҷузъиёт чорабиниҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:
     - **Зерқисмати 2а:** Дастгирии татбиқи лоиҳа, ки аз ҷониби мушовирони инфиродие, ки дар соҳаҳои харид ва идоракунии шартномаҳо, муҳандисони пул, идоракунии лоиҳа, идоракунии молиявӣ ва идоракунии муҳити зист (аз ҷумла аудити берунаи муҳити зист ва бехатарӣ дар ҳолати зарурӣ)-ро дар бар мегирад.
     - **Зерқимасти 2б:** Таъмини маводҳои лозима вобаста ба татбиқи бо самари лоиҳа.
   - **Қисмати 3: Вусъат додани ҳуқуқи иқтисодӣ ва имкониятҳои занон.**

Дар доираи ин ҷуъиёт (i) барои муайян кардани имкониятҳои эҳтимолии пешбурди тиҷорат ва ба даст овардани воситаҳои зиндагӣ барои заноне, ки дар манотиқи зери таъсири лоиҳа зиндагӣ мекунанд, таҳқиқотҳои пешакӣ ва арзёбии эҳтиёҷоти малакаҳо гузаронида мешавад; (ii) дар асоси арзёбии эҳтиёҷоти малакаҳо барномаи рушди соҳибкории занон таҳия карда мешавад ва рӯйхати имконпазири иштирокчиён ва меъёрҳои интихобро дар бар мегирад; (iii) инчунин, ҳамкорӣ бо Бонки Осиёгии Рушд (БОР), Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллӣ оид ба ҷудо кардани грантҳо барои дастгирии занони соҳибкор ба роҳ монда мешавад.

3. Харидҳое, ки аз ҷониби Бонк маблағгузорӣ карда мешаванд, тибқи талаботи дастурамал барои харид аз ҷониби мизоҷони Бонк муайяншуда сурат гирифта, барои ҳама ширкатҳо ва шахсони воқеӣ, ки дар дастурамал муайян шудаанд, кушода хоҳад буд. Пас аз анҷоми гуфтушуниди лоиҳаи Созишномаи қарз, Бонк нашри нақшаи хариди ибтидоии мувофиқашуда ва ҳама гуна навсозии минбаъдаро дар вебсайти берунии худ UNDB online ва Фармоишгар дар вебсайти Вазорати нақлиёт - https :// mintrans. tj эълон мекунад.

4. Интихоби пешакии тахассусии таъминкунандагон ва пудратчиён барои шартномаи зерин талаб карда мешавад:

   a Лоиҳакашӣ, Сохтмон ва Нигоҳубини Лоиҳаҳои сохтмони пули доимии дароз бо дарозии 920 м ва иҷрои корҳои сохтмонии роҳҳои васлшаванда бо дарозии 1,5 км.

5. Ширкатҳо ва шахсони воқеии ҳавасманд барои иштирок дар озмун барои пешниҳоди молҳо, корҳо, хизматрасониҳои ғайримашваратӣ ва машваратӣ дар доираи лоиҳаи дар боло зикршуда, инчунин шахсони ба маълумоти иловагӣ эҳтиёҷдошта, метавонанд ба Агенти/Ташкилоти татбиққунандаи лоиҳа бо суроғаи зерин муроҷиат намоянд:

**Арабзода Н.С.**
Директори иҷроияи
Маркази татбиқи лоиҳаҳо таҷдиди роҳҳо
Вазорати наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
кӯчаи Айнӣ, 14, ошёнаи 2, Душанбе, Точикистон 734042
Почтаи электронӣ: piurr@bk.